Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи
Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 31.10.2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25 июли соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 26 июл то 26 августи соли ҷорӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Дастурамали мазкур Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаи худ аз 3 сентябри соли 2024, №130/2с қайд намудааст, ки огоҳиномаи таҳияи ин Дастурамал бо назардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Имрӯз сиёсати қурбии пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат” шинокунандаи танзимшаванда бе муайян ва эълон намудани ҳудудҳои тағйирёбии қурб мебошад. |

Дар асоси талаботи банди 17 Изҳорот оид ба Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор Бонки миллии Тоҷикистон бояд сиёсати асъориро бо мақсади рафъи маҳдудиятҳои мавҷудаи асъорӣ ва гузаштан ба тағйирпазирии бештари қурби асъор пеш бурда, якчанд ислоҳотро дар ин самт амалӣ намояд.

Яке аз ислоҳоти пешбинишуда ин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №228 “Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ”, ки бо қарори Раёсати БМТ аз 29.09.2017, №130 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи ҶТ аз 15.11.2017, №909 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст мебошад.

Ҳамзамон, Дастурамали мазкур бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” мутобиқ карда шавад. Чунки мутобиқи қисми 4-и моддаи 4-и Қонуни мазкур Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии танзими асъор қурби расмии асъори хориҷиро нисбат ба пули миллӣ муайян менамояд, аммо мутобиқи Дастурамал Бонки миллии Тоҷикистон қурби расмии пули миллӣ - сомониро нисбат ба асъори хориҷӣ ҳисоб менамояд, ки талаботи Дастурамал ба талаботи Қонун мухолифат менамояд.

Дар баробари ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳои навбатӣ ба Дастурамал таҷрибаи дигар давлатҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон омӯхта шуда, масъалаҳои муҳиме, ки дар Дастурамали мавҷуд набуданд, ворид карда мешаванд.

Бинобар сабаби аз нисф зиёд шудани тағйиротҳои ба Дастурамал воридшаванда он дар таҳрири нав таҳия мегардад.

Дар ҳолати қабул нагардидани лоиҳаи таҳрири нави Дастурамали мазкур яке аз талаботҳои Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор иҷро намегардад, ки хавфи коста гардидани нуфузи Бонки миллии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| | гардида, ҳамзамон, мухолифати муқаррароти Дастурамал ба қонунгузорӣ бартараф намегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорати асъор лоиҳаи Дастурамали мазкурро бо мақсадҳои зерин дар таҳрири нав таҳия намудааст:<br>- мутобиқнамоии он ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор";<br>- иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Қабул гардидани Дастурамали №_дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ мутобиқнамоии муқаррароти онро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор дар бар гирифта, чораҳои зеринро пешбинӣ менамояд:<br>- такмили раванди муайян намудани қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ;<br>- иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор;<br>- риояи муқаррароти қонунгузории соҳа;<br>- раванди муқаррар намудани қурби асъор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ.<br>Дар баробари ин, дар лоиҳаи Дастурамали мазкур уҳдадориҳои зерин пешбинӣ шудаанд:<br>- ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади ҳисоб кардани қурби расмӣ оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои харид ва фурӯши доллари ИМА ва рубли русӣ бо сомонӣ, ки аз соати 8:00 то соати 16:00 рӯзи ҷорӣ дар бозори байнибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон) бо шарти |

| | |
|---|---|
| | ҳисббаробаркунӣ дар давоми то 2 рӯз бастаанд ва оид ҳаҷм ва қурби миёнавазни амалиёти мубодилавии доллари ИМА бо сомонӣ дар бозори дохилибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо тариқи ғайринакдӣ) анҷом додаанд, худи ҳамин рӯз то соати 16:30 дақиқа тавассути воситаҳои алоқаи электронӣ, ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд;<br>- ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади таҳияи маводҳои оморӣ ва таҳлилӣ, оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои харид ва фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори байнибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон), бозори дохилибонкӣ (байни ташкилоти қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо тариқи ғайринақдӣ) ва бозори нақд (амалиёти мубодилаи асъори хориҷии нақд бо аҳолӣ дар филиалҳо ва дигар воҳидҳои сохтории онҳо) ва ивази як асъори хориҷӣ бо асъори хориҷии дигар дар бозори байнибонкии дохилӣ ва байналмилалӣ, ки рӯзи гузашта анҷом дода шудаанд, тавассути воситаҳои алоқаи электронӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд.<br>Дар лоиҳаи Дастурамали мазкур маҳдудиятҳо пешбинӣ нашудаанд.<br>Бозори асъори ҷаҳонӣ ва дар натиҷа бозори дохили асъор мунтазам рушд намуда, дар он амалиёти нави асъорӣ пайдо мешаванд. Инчунин, талаботи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, махсусан Хазинаи байналхалқии асъор вобаста ба татбиқи сиёсати қурбӣ сол аз сол бештар мегардад. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати асъор ва татбиққунандаи сиёсати асъории давлат ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 4 Қонуни |

| | |
|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор лоиҳаи Дастурамали мазкурро таҳия намудааст. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ), | Масъалаи мутобиқ намудани муқаррароти Дастурамал ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” бидуни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ғайриимкон мебошад.<br>Ҳамзамон, иҷроиши талаботи Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор низ бе ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамал ғайриимкон мебошад.<br>Бо назардошти муқаррароти овардашуда роҳи ҳалли мушкилотро танҳо дар таҳияи таҳрири нави Дастурамал мебинем. Чунки Бонки миллии Тоҷикистон дигар роҳҳои ҳалли мушкилотро дида баромад, аммо натиҷа надод. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Дастурамал аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- таъмини риояи муқаррароти қонунгузорӣ асъорӣ;<br>- боз ҳам шаффоф гардидани татбиқи сиёсати қурби асъор;<br>- баланд бардоштани эътимоди ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>-дақиқ намудани формулаи ҳисоби қурби расмӣ;<br>-беҳтар гардидани вазъи бозори дохилии асъор ва амалиёти асъорӣ;<br>- дар амал татбиқ намудани реҷаи қурбии шинокунандаи танзимшаванда бе муайян ва эълон намудани ҳудудҳои тағйирёбии қурб;<br>- мушаххас кардани қисматҳои бозори асъор ва амалиёте, ки барои муайян кардани қурби расмӣ ба инобат гирифта мешаванд;<br>- тартиби муайян кардани қурби расмии Ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ (SDR) нисбат ба сомонӣ. |

| | |
|---|---|
| | |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар ҳолати қабул гардидани Дастурамали мазкур яке аз талаботҳои Барномаи ҳамоҳангсози фишангҳои сиёсати Хазинаи байналмилалии асъор ичро гардида, боиси беҳтар гардидани нуфузи Бонки миллии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мегардад. Ҳамзамон, мухолифати муқарраароти Дастурамал ба қонунгузорӣ бартараф мегардад.<br>Дар баробари ин, раванди муайяннамоиии қурби расмии асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ ва вазъи бозори дохилии асъор беҳтар мегардад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 10.11.2024 |

Раис Толибзода Ф.Н.